“Тасдиқ мекунам”
Директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, н.и.к.
Кароматов Ш.Ш. ____________
«__4__» ______07______ соли 2025

# НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ №8

шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

аз “4” июли соли 2025 ш. Душанбе

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Баррасии пешдифоъи рисолаи илмии унвонҷӯйи шуъбаи технологияи муосири сабзавоткорӣ Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзӯи «Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 – сабзавотпарварӣ; (соати $9^{00}$)

**ШУНИДА ШУД**

Ҷаласаро директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Кароматов Ш.Ш. оғоз намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуд. Қайд кард, ки тарбияи олимони ҷавон, инкишофи қобилияти эҷодӣ, ташаккули тафаккури илмию техникӣ, рушди зеҳнӣ ва ҷалб намудани онҳо ба фаъолияти илмию таҳқиқотӣ яке аз самтҳои афзалиятнок дар сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад. Бинобар ин тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ дар самти илмҳои кишоварзӣ амалӣ карда шуда истодааст.

Ҳоло сухан аз рӯйи масъалаи якум ба котиби илмӣ Шарипов Ш.И. дода мешавад. Котиби илмӣ баромад намуда, қайд кард, ки диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзӯи «Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 – сабзавотпарварӣ дар шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Раҳимов Ш.Д. унвонҷӯи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ ба шумор мерафт.

Раҳимов Шодмон Давлатович соли 2010 ба факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзӣ дар ихтисоси меваю сабзавот ва ангурпарварӣ дохил шуда, онро соли 2013 бо ихтисоси олим агроном хатм намуд.

Номбурда бо фармоиши президенти АИКТ №07[а] ф/а аз “15” марти соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ қабул карда шудааст.

Мавзӯи кори диссертатсионӣ дар Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ Протоколи №3 аз “15”-уми марти соли 2018 тасдиқ гардидааст. Инчунин роҳбари илмии унвонҷӯ –Ахмедов Т.А., доктори илмҳои кишоварзӣ,

академики АИКТ, сарходими илмии шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ тасдиқ карда шудааст.

Раҳимов Ш.Д. имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм санаи 06.04.2021 бо баҳои 4 ва забони хориҷӣ (англисӣ) санаи 08.04.2021 бо баҳои 4 супоридааст.

Диссертатсияи Раҳимов Ш.Д. дар ҷаласаи шуъбаи технологияи муосири сабзавоткорӣ аз "28"- уми апрели соли 2025, №2 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи эродҳои гирифташуда барои гузаронидани пешдифоъ дар Шӯрои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ тавсия дода шудааст.

Ҳоло сухан ба унвонҷӯ Раҳимов Ш.Д., барои пешниҳоди натиҷаҳои асосии бадастовардааш дода мешавад.

Раҳимов Ш.Д. Ҳозирини гиромӣ бо иҷозати Шумо фишурдаи натиҷаи таҳқиқотҳои худро дар мавзӯи «Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 – сабзавотпарварӣ барои баррасӣ манзуратон гардонам (маърӯза замима мегардад).

**Раис:** Муҳтарам аъзоёни Шӯро ва ҳозирини гиромӣ. Маърӯза ба охир расид. Ба унвонҷӯ аз рӯйи кораш савол ҳаст?

**Камолов Н. н.и.к., ходими пешбари илмӣ:** Дар истеҳсолот Шумо кадом натиҷаҳои гирифтаатонро тавсия медиҳед?

**Раҳимов Ш.Д.:** Дар шароити водии Вахш парвариши навъҳои барвақтӣ ва давраи нашъунамояш кӯтоҳтару ҳосили баландтарро медодагӣ ва ҳосиле, ки пеш аз фаро расидани гармиҳои фасли тобистон пурра пухта мерасанд, тавсия менамоем.

**Акрамов А., мудири шуъбаи селексия ва тухмипарварии картошка:** Корҳои саҳроӣ бо кадом методика гузаронида мешавад?

**Раҳимов Ш.Д.:** Корҳои илмӣ таҳқиқотӣ бо методикаи Б.А.Доспехов (1985) ва Белик В.Ф., Бондаренко Г.Л. полевого опыта в овощеводстве (1979) амалӣ гаштааст.

**Сангинов Б.Б., мудири озмоишгоҳ:** Барои чи шумо навҳои маҳалиро интихоб накардед?

**Раҳимов Ш.Д.:** Дар интихоби навъҳо навъи "Пешпазак" "Тунис" ва "Алдоба" гирифта шуданд, ки "Пешпазак" навъи маҳаллӣ буда, навъҳои "Тунис" ва "Алдоба" дар мадди аввал ҳамчун навъҳои Голландӣ, ки ҳосилнокиашон баланд ва тезпаз ҳастанд ба ҳисоб мерафтанд. Солҳои охир онҳо дар минтақаҳо мутобиқ гардида, ба боду ҳаво ва иқлими мо мусоидат карданд.

**Сангинов Б.Б., мудири озмоишгоҳ:** Фарқияти ин навъҳо дар чӣ мебошад?

**Раҳимов Ш.Д.:** Дар кишт ва гузаронидани тамоми технологияи коркаду чорабиниҳои агротехники фарқияте надоштанд. Вале сабзиши тухми аз замин навъи "Пешпазак" нисбати навъҳои "Тунис" ва "Алдоба" 3 (се) рӯз дертар мебарояд. Дар вақти пухта расидан низ нисбати ин ду навъ 10-12 рӯз ҳосилаш дертар мерасад. Дар ҳосилнокӣ, сифати ҳосил, вазни миёнаи бехпиёз, тобоварӣ ба касалию зараррасонҳо ва дигар ҳолатҳо "Пешпазак" дар ҷои аввал аст.

**Толибов А.К., н.и.к., директори Институт:** Дар дисертатссияи шумо дар як ҷой рақами 215 миллион омадааст. Ин чи рақам асту чи маъни дорад?

**Раҳимов Ш.Д.:** Устоди муҳтарам дар вақти чоп кардан хато шудааст ислоҳ мекунем

**Толиҳов Ҷ.А. н.и.к. мудири шуъбаи ҳимояи наботот:** Бар зиди касалии пероноспориози пиёз, кадом чорабиниҳо гузаронида мешавад?

**Раҳимов Ш.Д.:** Переноспориоз яке аз касалиҳои хафнок ба ҳисоб рафта тез паҳн гашта аввал ба баргҳо баъдан ба дигар узвҳои растанӣ зарар расонида оқибат аз афзоиш мононда пиёз камҳосил мешавад. Бар зидди ин касалӣ чорабиниҳои химиявӣ бо истифодаи заҳрхимикатҳои Арсерид-02 %, Ридомил  Даконил бо меьёрҳои 02% яьне дар 10 литр об 20 грам фунгисидҳоро ҳал карда, бо апарат пошидем.

**Толиҳов Ҷ.А. н.и.к. мудири шуъбаи ҳимояи наботот:** Гумуснокии хок бо кадом метод муаян карда мешавад:

**Раҳимов Ш.Д.:** Ҳосилнокӣ ва гумуснокии хокро бо методикаи И.В.Тюрин муаян намудем.

**Қаландаров Р.Ю. н.и.к.: мудири шуъбаи технологияи инноватсионии токпарварӣ:** Карбамид чанд миқдор моддаҳои таьсиркунанда дорад.

**Раҳимов Ш.Д.:** Карбамид 46 % модаи таъсиркунанда дорад.

**Қаландаров Р.Ю. н.и.к.: мудири шуъбаи технологияи инноватсионии токпарварӣ:** Фосфорро бо кадом методика муаян карда мешавад:-

**Раҳимов Ш.Д.:** Фосфори умумӣ бо методикаи А.М. Мешряков муайян карда мешавад.

**Шарипов Ш.И. котиби илмӣ:** Мақсади асосии  таҳқиқоти Шумо аз чӣ иборат мебошад?

**Раҳимов Ш.Д.:** Муқаррар ва илман асоснок намудани меъёр ва таносуби беҳтарини истифодаи самаранокии нуриҳои минералӣ дар парвариши пиёзи тезпази беҳӣ навъҳои Пешпазак, Алдоба, Тунис, дар шароити иқлими водии Вахши вилояти Хатлон.

**Камолов Н. н.и.к.:** Натиҷаҳои бадастовардаи Шумо бо кадом усул таҳлил карда шудааст?

**Раҳимов Ш.Д.:** Натиҷаҳои бадастовардаи мо бо истифода аз усули таҳлили дисперсионӣ, дар асоси дастури Б.А. Доспехов иҷро карда шуд.

**Камолов Н. н.и.к., ходими пешбари илмӣ:** Кадом олимон дар соҳаи пиёзпарварии ҷумҳурӣ фаъолият кардаанд?

**Раҳимов Ш.Д.:** Ахмедов Т.А., Эшонкулова Р.У., Ваҳобов М. ва ғайраҳо.

**Раис:** Боз саволҳо ҳастанд?

**Аз толор:** Кифоя.

**Раис:** Ташаккур, мегузарем ба муҳокимаи масъала.

Ҳоло сухан ба роҳбари илмӣ, доктори илмҳои кишоварзӣ, Ахмедов Т.А. дода мешавад.

**Ахмедов Т.А.:** Муҳтарам раис ва ҳозирини гиромӣ, сабзавотпарварӣ яке аз соҳаҳои асосии комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳалли масъалаи таъмини озуқаворӣ, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволӣ ва бо кор таъмин намудани мардуми деҳот мавқеи намоёнро ишғол менамояд.

Раҳимов Шодмон Давлатович аз соли 2018 дар шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарварии АИКТ ҳамчун унвонҷӯ фаъолият намудааст. Диссертатсияи Раҳимов Ш.Д. кори илмии ба анҷомрасида ба шумор меравад. Вай дар ҳалли масъалаи самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ, кори пурарзиши илмию

назариявиро ба анҷом расонидааст. Дар асоси натиҷаҳои ба дастоварда унвонҷӯ Раҳимов Ш.Д. хулосаҳои мушаххаси илмӣ баровардааст.

Ҳаҷми асосии мавод, таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои ба даст овардашуда, аз онҳо хулосаҳои муҳими назариявию амалӣ баровардан мумкин аст, дар рисола дарҷ гардидааст. Ҳоло унвонҷӯ Раҳимов Ш.Д. ба сатҳи корманди илмии таҷрибаю ҷамъбасткунӣ ва хулосабарории илмӣ расидааст.

**Раис:** Ташаккур, ҳоло сухан ба муқарриз Эшонқулова Р.У.

**Эшонқулова Р.У.:** Тақризи худро пурра хонд (тақриз замима мегардад).

Баромадкунанда дар муҳокимаи кори диссертатсионии Раҳимов Ш.Д. муҳимияти мавзӯи таҳқиқотӣ, дараҷаи таҳқиқӣ ва навгониҳои он, аҳамияти амалии кори илмию таҳқиқотӣ ва дар амал татбиқ намудани натиҷаи он, фаъолияти унвонҷӯ дар ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани маҳсулнокии пиёз қайд намуд. Ҳамчунин, дар баромади худ муқарриз Эшонқулова Р.У. ва баромадкунандагони дигар қайд намуданд, ки дар тавсифи баъзе масъалаҳои диссертатсия тақозо менамояд, ки амиқтар баён намуда, ислоҳот даровардa шаванд.

**Раис:** Ташаккур, ҳоло сухан ба муқарриз Салимов Қ.

Салимов Қ.: Тақризи худро пурра хонда таклифу пешниҳодҳои худро баён намуд. (тақриз замима мегардад).

Дар натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзӯи «Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш» хулоса қабул карда шуд:

**- мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия;**

Соҳаи таҳқиқоти мавзуи диссертатсионӣ сабзавотпарварӣ буда, мазмуни диссертатсия ва таҳқиқоти иҷрошуда ба шиносномаи ихтисоси 06.01.09 – сабзавотпарварӣ мутобиқат мекунад.

**- алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ;**

Мавзӯи диссертатсия ба Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, ки 30.12 2015 №790 ва "Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 2016-2020", ки аз 20.10.2016 с. №438 тасдиқ карда шудааст, мувофиқат мекунад.

Кори диссертатсионӣ солҳои 2018-2021 дар Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ анҷом дода шудааст.

**- мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он;**

Дар асоси маводҳои диссертатсия 16- мақолаи илмӣ аз он: 5 - мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 мақола дар маҷмуи маводҳои конференсия ва семинарҳои гуногуни байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба нашр расонида шуданд.

**- мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо;**

Таҷрибаҳои саҳрой дар солҳои 2018-2021 аз ҷониби комиссияи апробатсионии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ баҳогузорӣ карда шудааст. Дар вақти амали намудани таҳқиқоти илмӣ оид ба истифодаи нуриҳои минералӣ, фосфорӣ ва калигӣ дар хокҳои хокистаранги равшани ноҳияи Ҷайҳуни вилояти

Хатлон мавриди истифодабарӣ қарор доштанд. Натиҷаҳои ба даст омада бо усули оморӣ коркард шудаанд. Мавзӯъ, хулосаҳо ва пешниҳоди илман асоснок гардида, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ тавассути нашри мақолаҳо ва баромаду маърӯзаҳо тасдиқ шудаанд.

**- саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ;**

Саҳми шахсии муаллиф дар гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, озмоишӣ, муайян кардани таъсири нуриҳои минералии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калигӣ, нашъунамои навъҳои пиёзи бехӣ «Пешпазак», «Алдоба», «Тунис», ҳосилнокӣ, сифати ҳосил ва самаранокии иқтисодии истифодаи нуриҳо, шарҳи натиҷаҳои ба даст овардашуда, хулосабарорӣ, навиштани мақолаҳои илмӣ, ҳисоботҳо ва навиштани диссертатсия иборат мебошад.

Саҳми иштироки бевоситаи унвонҷӯ барои ба даст овардани натиҷаи таҳқиқот аз ҳаҷми умумии кор 90 %-ро ташкил медиҳад.

Мазмуни диссертатсия ва таҳқиқоти иҷрошуда ба шиносномаи ихтисоси 06.01.09. - сабзавотпарварӣ мутобиқат дорад.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 06.01.09-сабзавотпарварӣ мутобиқат менамояд:

Банди 15. Муаммоҳо оид ба баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои сабзавотӣ вобаста ба истифодабарии нуриҳо. Дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи муосири парвариши зироатҳои сабзавотӣ ва асосноккунии он барои ба даст овардани ҳосили баланди хушсифат.

Банди 21. Хусусиятҳои биологии навъҳои зироатҳои сабзавотӣ, аломатҳои хоҷагидории онҳо вобаста ба ин асосноккунии парвариши зироатҳои сабзавотӣ дар шароити хоку иқлими минтақаҳои гуногун.

Диссертатсияи Раҳимов Ш.Д. аз муқаддима, 4 боб, 23 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзӯъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 16- мақолаи илмӣ аз он: 5 - мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 мақола дар маҷмуи маводҳои конференсия ва семинарҳои гуногуни байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба нашр расонида шудааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**[1-М] Рахимов Ш.Д.** Оптимальные нормы и сроки внесения минеральных удорений на осенне-зимных посевах репчатого лука / Рахимов Ш.Д., Ахмедов Т.А., Эшонкулова Р.У. // Научная стстатья – отчеты ТАСХН.- №2 (64), 2020, Душанбе, с.39-42.

**[2-М] Рахимов Ш.Д.** Влияние технологии выращивания на урожайность лука репчатого в условиях Вахшской долины Таджикистана. /Рахимов Ш.Д., Ахмедов Т.А., Эшонкулова Р.У. / Вестник Национальной академии наук Таджикистана, Отделение биологии № 2 (213), 2021, Душанбе, с. 70-76.

**[3-М] Рахимов Ш.Д.** Пути повышения плодородия почв при выращивании лука репчатого. /Рахимов Ш.Д., Ахмедов Т.А., Эшонкулова Р.У. //научно-прозводственный теоретический журнал «Кишоварз №1 (94), 2022, Душанбе, с.36-37.

**[4-М] Рахимов Ш.Д.** Влияние минеральных удобрений на повышение плодородия почв под овошными культурами. /Рахимов Ш.Д., Ахмедов Т.А.,Эшонкулова Р.У. //Известия Национальной академии наук Таджикистана № 1 (216), 2022, Душанбе, с.79-83.

**[5-М] Рахимов Ш.Д.** Своевременное применение  научной технологии и эффективное применение минеральных удобрений основа получения высокого урожая лука репчатого /Рахимов Ш.Д., Ахмедов Т.А. // Научный журнал Академии наук Таджикистана, Отделение биологических наук, №3, (218) 2022, с. 115-121.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

**[6-М] Рахимов Ш.Д.** Экономический эффект от инновационной технологии выращивания репчатого лука в различных регионах Таджикистана / Ахмедов Т.А., Эшонкулова Р.У., Рахимов Ш.Д. // Материалы конференции прикладной науки республики «Инновационные технологии консервации и логистики плодоовощной продукции», Взгляд в будущее». Душанбе, 28.12.2019, – с. 60-62.

**[7-М] Рахимов Ш.Д.** Зависимость урожая лука репчатого от минеральных удобрений в условиях Вахшской долины / Рахимов Ш.Д., Ахмедов Т.А., Эшонкулова Р.У. Душанбе, 2020, саҳ.50-54.

**[8-М] Рахимов Ш.Д.** Изменение уровня агрохимических свойств почв и её плодородие от применение минеральных удобрений на овощных культурах / Рахимов Ш.Д., Ахмедов Т.А., Эшонкулова Р.У. // Материалы республиканской научно-практической конференции «Роль семеноводства в развитии картофельной отрасли», Душанбе, 2020, – с. 44-49.

**[9-М] Рахимов Ш.Д.** Урожайность сортов репчатого лука в зависимости от применение минеральных удобрений / Рахимов Ш.Д., Ахмедов Т.А., // Материалы сборника научных трудов Международной практической конференции «Сельского хозяйства», 30. 04.2021, протокол №2, Украина Николаевская область. с. 79-80.

**[10-М] Рахимов Ш.Д.** Экологические особенности выращивания озимого раннеспелого сорта лука репчатого «Пешпазак» в Таджикистане / Рахимов Ш.Д., Ахмедов Т.А., Эшонкулова Р.У. // Научно-практическая конференция, Москва, 2021,- стр. 209-211.

**[11-М] Рахимов Ш.Д.** Агротехнология возделывания лука репчатого на юге Таджикистана / Рахимов Ш.Д., Эшонкулова Р.У. // Сборник статей по материалам международной научно-практической конференции 14.04.2022. Академия имени Т.С. Мальцева Россия. - С. 70-74.

**[12-М] Рахимов Ш.Д.** Эффективность использования минеральных удобрений при возделывании скороспелых сортов лука в Вахшской долине / Ш.Д. Рахимов // Сборник научных статей республиканской научно-практической конференции на тему «Развитие и применение современной технологической науки для развития садоводства и виноградарства».  Таджикский аграрный Университет. Душанбе, 2022, С. 137-144.

**[13-М] Рахимов Ш.Д.** Использование удобрений при выращивании урожая раннего лука в Вахшской долине / Рахимов Ш.Д. // Республиканская научная конференция, посвященная международному десятилетию действий «Вода для устойчивого развития 2018-2040», «Вклад молодых ученых в развитие сельскохозяйственной науки, инноваций и технологий» 27.05.2022, г. Душанбе, - ст. 47-53.

**[14-М] Рахимов Ш.Д.** Эффективное использование минеральных удобрений при выращивании скороспелых сортов лука в Вахшской долине / Рахимов Ш.Д. // Материалы международной научно-теоретической конференции на тему «Использование инновационных методов повышения продуктивности плодовых деревьев, винограда, овощей и картофеля». Душанбе, 2022, с. 131-136.

**[15-М] Рахимов Ш.Д.** Эффективное применение минеральных удобрений под раннеспелых сортов репчатого лука в условиях Вахшской долины / Рахимов Ш.Д. Международная научно-практическая конференция на тему «Прошлое, настоящее и перспективы овощеводства, картофелеводства, садоводства и виноградарства Таджикистана». Душанбе-2024. с.86-91».

**[16-М] Рахимов Ш.Д.** Эффективное использование минеральных удобрений при выращивании сортов скороспелого лука в республике / Рахимов Ш.Д. Материалы Республиканской научной конференции «Достижения молодых ученых по приоритетным направлениям развития аграрной науки», посвящённой 2020-2040 гг. «Двадцать лет изучения и развития естественных наук, математики в области науки и образования и международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития».- Душанбе, 2024 с.47-53.

**ҶАЛАСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ МУАССИСА ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи «Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 – сабзавотпарварӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзӯи «Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 – сабзавотпарварӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ санаи 04.07.2025 №8 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 11 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор” – 11 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Раиси шурои олимон Кароматов Ш.Ш.

Котиби шурои олимон Шарипов Ш.И.

Имзоҳои Кароматов Ш.Ш.
ва Шарипов Ш.Ш.- ро тасдиқ менамоям.
Сармутахассис оид ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Музафарова М.Н.
“4” “07” соли 2025